# ПРЕСС-РЕЛИЗ

Имрӯз, санаи 30 декабри соли 2022, дар бинои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур намояндагони вазоратҳои молия, адлия, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, намояндагони корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» ва дигар шахсони расмӣ иштирок варзиданд.

Тавре маълум аст, бо мақсади такмил додани усули идоракунӣ дар соҳаҳои истихроҷ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия, таъмин намудани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назорат аз рӯи воридоти пурраи маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз фаъолияти марбут ба истихроҷи канданиҳои фоиданок қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Бо ҳамроҳшавӣ ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ (ТШСИ) ва таъсиси Шӯрои миллии ТШСИ Тоҷикистон уҳдадор гардидааст, ки як қатор уҳдадориҳоро иҷро намояд.

Бо назардошти ин, дар ҷаласа як қатор масъалаҳо марбут ба татбиқи талаботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла шарҳи татбиқи ТШСИ ва шартҳои техникӣ барои тайёр кардани Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021, зарурати таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», лоиҳаи Нақшаи кори Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 ва дигар масъалаҳои ҷорӣ баррасӣ гардидаанд.

Аз натиҷаи баргузории ҷаласаи мазкур қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.